

Шарифзода Л.Ш.
номзади илмҳои сиёсӣ,
дотсент
тел – 919-89-65-69

**Раванди иштироки ҳизбҳои сиёси дар интихоботи президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Бояд қайд намуд, ки ҳизбҳои сиёсӣ дар шароити имрӯзаи давлатдории муосири Тоҷикистон яке аз омилҳои муҳими рушди парламентаризм ва гуногунандешии сиёси ба ҳисоб рафта, дар ташаккули низоми сиёсии ҷомеа мақоми махсус доранд. Дар ин раванд ҳизбҳои сиёсӣ яке аз субъектҳои фаъоли раванди интихобот ба ҳисоб рафта, воситаи муҳими рушди низоми интихобот ба ҳисоб мераванд.

Дар ин раванд, яке аз хусусиятҳои муҳими давлати демократии Тоҷикистон дар он ифода меёбад, ки ҳизбҳои сиёсӣ дар ин маъракаи муҳими сиёсӣ фаъолияти худро дуруст ба роҳ монда, дар устувории низоми сиёсии ҷомеа накши муҳим гузоранд. Дар ин раванд интихобот ба ҳизбҳои сиёсӣ имконият медиҳад, ки самаранокии фаъолияти худро дар сатҳи демократӣ ба роҳ монда, дар асоси талаботҳои муайяншудаи қонунҳои интихобот, ҳадафу мақсадҳои худро ба ҷомеаи шаҳрвандӣ интихобкунандагон дуруст роҳандозӣ карда, дар амали кардани нуқтаҳои муҳими барномаҳои худ нақши муҳим гузоранд.

Раванди интихобот ба ҳизбҳои сиёси имконият медихад, ки чораҳои мушаххас ва муҳими худро вобаста ба масъалаҳои муҳимтарини ҷомеа роҳандози карда, дар мустаҳкам кардани мавқеъи худ миёни ҷомеа тадбирҳои муҳимро роҳандози намоянд.

Яке аз хусусиятҳои муҳими интихобот дар раванди давлату давлатдории муосири Тоҷикистон, аз он иборат мебошад, ки дар раванди он нақши муҳимро ҳизбҳои сиёсӣ иҷро мекунанд. Дар ин раванд ҳар як ҳизби сиёсӣ мувофиқи бaрономаи таҳиякардаи худ ҳамчун субъекти фаъоли интихобот кӯшиш менамояд, ки аз тамоми воситаю усулҳо самаранок истифода намуда, мақом ва нуфӯзӣ худро дар ҷомеа баланд арзёбӣ намоянд.

Хусусияти муҳими раванди интихобот дар он аст, ки дар он имконият ва қобилияти ҳизбҳои сиёсӣ муаррифӣ гардида, кӯшиш намоянд, ки худро ҳаматарафа омода карда, аз методҳо ва василаҳои гуногуни таблиғотӣ истифода бурда, дар маъракаҳои муҳими сиёсӣ фаъолона иштирок намоянд. Раванди интихобот, яке аз хусусиятҳои муҳими иштироки шаҳрвандон, ҳизбҳои сиёсӣ ба ҳисоб рафта, дар таҳкими раванди демократикунонии ҷомеа нақши муҳим дорад.

Бояд зикр намуд, ки раванди интихобот дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон омили муҳими иштироки ҳизбҳои сиёсӣ муаррифии онҳо дар раванди ҷомеа ба ҳисоб рафта, мувофиқи барномаҳои таҳияикардаи худ, фаъолияти худро дуруст ба роҳ монда, дар ба даст овардани шумораи зиёди овози интихобкунандагон, таблиғу ташвиқи худ миёни ҷомеа, аз вазифаҳои муҳимашон ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд яке аз вазифаҳои муҳими ҳизбҳои сиёсӣ ин пеш аз ҳама робитаи худро бо интихобкунандагон, ҷомеаи шаҳрвандӣ устувор намуда, дар мустаҳкам намудани мавқеъ ва нуфӯзи худ, ҷиҳати ошнои комилро пайдо кардан миёни интихобкунандагон аз вазифаҳои муҳимашон ба ҳисоб меравад.

Дар ин замина раванди интихобот ба ҳизбҳои сиёсӣ имконият медиҳад, ки самаранокии фаъолияти худро миёни ҷомеа дуруст роҳандозӣ намуда, дар амалисозии барномаҳои худ, ҷиҳати мустаҳкам намудани раванди

демократикунонии ҷомеа, гуногунандешии сиёсӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, нақши муҳим гузошта дар ташаккули фарҳанги демократии интихобкунандагон мусоидат кунанд.

Бо назардошти маъракаҳои сиёсӣ бояд, доираи васеи аҳолиро, аз нақшаву барномаҳои худ ва мақсаду маромашон бештар огоҳ созанд. Тайёри ба интихобот маъракаи ҷиддиву масъулиятноки сиёсӣ мебошад, ки дар раванди он тамоми субъктҳои раванди сиёсӣ ҷомеа вазифадоранд, ки аз рӯзҳои аввал ба ин тайёрӣ характерӣ амали бахшида, корҳои таблиғотиву ташвиқотиро мустаҳкам карда ба ҳар як интихобкунанда паёми худро расонанд.

Бояд зикр кард, ки интихобот ҳамчун институти муҳими сиёсӣ, дар ташаккули ҳокимияти давлатӣ ва низоми бисёрҳизбӣ мусоидат карда, дар ба амал баровардани ҳуқуқи интихоботии интихобкунандагон мусоидат карда, дар рушди демократикунонии низоми сиёсии ҷомеа нақши муҳим мегузорад. Дар ин раванд бояд қайд намуд, ки интихобот шакли олии изҳори иродаи халқ аст. Халқ чун сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ дар интихобот иродаи худро бевосита изҳор мекунад.

Бояд қайд намуд, ки раванди ҳама гуна маъракаҳои интихоботиро ҳизбҳои сиёсӣ ташкил намуда, бо имконият ва нерӯи худ ҳамчун масъули гузаронидани ин маъракаҳо эътироф гардидаанд. Дар раванди маъракаҳои интихоботи фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро чунин баҳогузори намудан мумкин аст:

- бояд гуфт, ки раванди интихобот, ин омили муҳими муаррифӣ ва сатҳу нуфӯзи ҳизбҳои сиёсӣ ба ҳисоб рафта, аз фаъолияти баланди онҳо вобастагии калон дорад;

- дар ин маъракаҳо иштироки интихобкунандагон, ҳизбҳои сиёсӣ фаъол ба назар расида, номзади арзандаи худро интихоб намуданд, ки дар рушду нумӯи ҷомеа нақши муҳим гузоштанд;

- бояд қайд кард, ки дар ин замина дар раванди сиёсии ҷомеа дигаргуниҳои муҳими сиёсӣ-ҳуқуқӣ ба миён омаданд, ки ба рушди ҳуқуқу

озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши муҳим гузоштанд;

- дар ин давра интихобкунандагон низ ба як кӯшишу ғайрат вориди раванди интихоботӣ гардида, раванди ҷомеаро як рӯҳияи интихоботӣ ва омодагиҳо ба интихобот фаро гирифта буд;

- дар раванди сиёсии ҷомеа тағиротҳои мухими сиёсӣ ба миён омаданд, ки дар натиҷа заминаи асосиро ба рушди низоми интихобот ва ҳуқуқи интихоботии интихобкунандагон мусоидат кард;

- раванди интихоботи президентии соли 2013-ум нишон дод, ки ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди ин маъракаи муҳими сиёсӣ фаъолияти худро пеш аз ҳама дуруст роҳандози намуда буданд, ки дар муаррифии созандаи худ миёни ҷомеа чораҳои мушаххасро роҳандозӣ намуда буданд;

- бояд қайд намуд, ки раванди интихобот, яке аз хусусиятҳои муҳими иштироки ҳизбҳо ва дигар субъектҳои интихобот ба ҳисоб рафта, заминаи муҳимро дар ташаккул ва рушди парламентаризм, демократия нақши муҳим гузоранд;

- ҳизбҳои сиёсӣ дар маъракаи интихоботӣ бо хусусиятҳои ба худ хос иштирок мекунанд. Масалан, раванди маъракаҳои интихоботӣ бори дигар нишон дод, ки фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар ин раванд, дар сатҳи баланд муаррифӣ гардад. Ҳизбҳои сиёсӣ дар ин раванд иштироки худро таъмин намуда, дар устуворсозии худ, ҷиҳати робитаи худро барқарор кардан ба ҷомеаи шаҳрвандӣ чораҳои мушаххасро роҳандозӣ намоянд;

- бояд қайд намуд, ки ҳизбҳои сиёсӣ фаъолияти худро устувор намуда, бо нерӯ ва иқтидорӣ фаъолияти худ метавонанд, дар амали гардонидани нуқтаҳои барномавии худ фаъолияти назаррас дошта бошанд;

- дар асоси тағйиру иловаҳои ба амал омада дар раванди сиёсии ҷомеа дигаргуниҳои муҳим ба миён омаданд, ки боиси иштироки васеъи интихобкунандагон дар раванди интихобот гардид;

- аз интихобот то интихобот барои муаррифии барномаҳои пешазинтихоботӣ, ё бевосита мулоқот бо мардум, ташкили чорабиниҳо

имкон ба миён омад, ки дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва низомӣ бисёрхизбӣ заминаи мусоид фароҳам омад;

- ҳизбҳои сиёсӣ дар ин раванд, аз интихобот то интихобот бо мардум, барои муаррифии худ миёни ҷомеаи шаҳрвандӣ, корҳои муҳим ва назарраси худро роҳандозӣ намуданд, ки яке аз нишонаҳои муҳими ҷомеаи демократӣ ба ҳисоб меравад;

- дар ин раванд пеш аз ҳама ҳуқуқи интихоботии интихобкунандагон васеъ гардид, ки дар таҳкими гуногунандешии сиёсӣ ва рушди низоми интихобот нақши муҳим гузошт;

- бояд қайд намуд, ки дар раванди ин маъракаҳои интихоботӣ хусусан пешравиҳои зиёде мушоҳида гардид, аз ҷумла иштироки фаъоли шаҳрвандон, ҳангоми вохӯриҳо бо намзадҳо метавон намунаи баланди омодагӣ ба интихоботро арзёбӣ намуд;

- дар ин раванд бисёр дигаргуниҳои муҳими сиёсӣ-ҳуқуқӣ ба миён омаданд, ки ба рушди низоми интихобот мусоидат карда, фаъолияти субъектҳои интихоботро дар ин маъракаҳои муҳими сиёсӣ бо маротиб густариш дод;

- дар натиҷа низоми интихобот дар асоси принсипҳои демократӣ ташаккул ёфт, ки заминаи муҳимро дар рушди демократикунонии ҷомеаи муосири Тоҷикистон густариш дод;

- бояд қайд намуд, ки дар шароити давлатдории муосири Тоҷикистон раванди интихобот хусусияти демократи гирифта, иштироки ҳизбҳои сиёсиро ҳамчун масъули чорабиниҳои муҳими сиёсӣ фаъолияташон дар ҷомеа рушду нумуъ ёфт.

Ёдовар мешавем, ки интихоботи президентӣ ин нишонаи баланди фарҳанги сиёсӣ-ҳуқуқӣ дар шароити имрӯзаи давлатдории муосири Тоҷикистон мебошад. Барои боз ҳам васеътар ворид гардидани унсурҳои демократия дар ҷомеа шароити мусоид фароҳам омад. Дар ин самт нақш ва мавқъеи интихобот чун унсури таъминкунандаи иштироки бевоситаи

мардум дар идораи давлат ва бо ҳамин усул муайян намудани сарнавишти имрӯзу ояндаи хеш хеле муҳим мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баргузории интихобот фазои мусоиди сиёсӣ-ҳуқуқи фароҳам омадааст, ки он барои шаффофу демократӣ ва дар чаҳорчӯбаи асноди ҳуқуқи байналмилаллӣ гузаронидани интихобот мусоидат менамояд.

Аз он ҷумла фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, васоити ахбори оммаи мустақил ва мавҷудияти гуногунандешии сиёсӣ аз ин гувоҳи медиҳад. Дар ин раванд агар ба таърихи ҷавони Тоҷикистон назар афканем пешравӣ дар ин масъала бараъло ҳувайдост. Демократикунонии ҷомеа дар соҳаи сиёсат, иқтисод, фарҳанг ва иҷтимоӣ ба мушоҳида мерасад, ки бешубҳа яке аз муваффақиятҳои муҳим дар ташаккули ҷомеаи демократӣ мебошад.

Бояд ёдовар шуд, ки дар ин раванд мардумро ба интихобот тайёр ва омода кард, то тавонанд дар асоси ҳуқуқҳои интихоботии худ номзади арзандаи худро интихоб намуда, дар беҳсозии масъалаҳои муҳимтарини ҷомеа тадбирҳои муфидро роҳандозӣ намоянд. Дар ин раванд ҳизбҳои сиёсӣ бо фаъолияти пурмаҳсули худ имрӯз ба яке аз институтҳои муҳим сиёсӣ ва субъекти фаъоли интихобот эътироф гардидаанд. Ва дар раванди маъракаҳои интихобот бо мардум, аз рӯи барномаҳои таҳиякардаи худ сазовори боварии интихобкунандагон бошанд.

Ба назари коршиносон ва таҳлилгарон ҳар ҳизб бо фаҳмиш ва имкониятҳои хеш дар интихобот корҳои тарғиботӣ мебаранд ва шеваи худро истифода мебаранд. Дар ин раванд ҳизбҳои сиёсӣ дар бораи ҳуқуқҳои интихоботии интихобкунандагон, чӣ гуна будани ҷомеаи демократӣ ва ғайра бо мардум суҳбатҳо гузаронида, ба онҳо ҳамкорӣ намуда, онҳоро ба интихобот тайёр намоянд, ки яке аз вазифаҳои муҳимашон ба ҳисоб меравад.

Раванди интихобот ин пеш аз ҳама инъикоскунандаи мавқеъ ва нуфӯзи ҳизбҳои сиёсӣ ба ҳисоб рафта, фаъолияти сиёсии онҳоро дар раванди сиёсии ҷомеа муайян намуда, дар таҳкими раванди демократикунонии ҷомеаи

муосири Тоҷикистон нақши муҳим мегузоранд. Бояд ёдовар шуд, ки вобаста ба ин масъалаи муҳими барраси гардида дар ин раванд, ҳизбҳои сиёсӣ чунин масъалаҳои муҳими худро роҳандозӣ намоянд, аз ҷумла:

- ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди маъракаҳои интихобот ҳамчун масъул ва субъекти фаъоли интихобот дар мадди аввал робитаи худро миёни шаҳру ноҳияҳои кишвар васеъ карда, дар муаррифии худ миёни қишрҳои гуногуни ҷомеа тадбирҳои муҳимро роҳандозӣ намоянд;

- раванди интихобот ин нишонаи сатҳи баланди иштироки ҳизбҳои сиёсӣ ба ҳисоб рафта, ҷиҳати дар сатҳи баланд бурдани корҳои таблиғотиву ташвиқотии худ миёни ҷомеа, аз масъалаи муҳими фаъолияташон миёни ҷомеа ба ҳисоб меравад;

- яке аз хусусиятҳои муҳими иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихобот, дар шароити имрӯза аз он иборат аст, ки онҳо ин минбарро самаранок истифода бурда, барои муаррифӣ ва нуфӯзи худ, миёни ҷомеа аз ҳадафҳои муҳимашон ба ҳисоб меравад;

- самаранок истифода бурдани интихобот ба ҳизбҳои сиёсӣ имконият медиҳад, ки робитаи худро бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва электорат мустаҳкам намуда, дар муаррифии созандаи худ, миёни интихобкунандагон аз вазифаҳои муҳимашон ба ҳисоб меравад;

- ҳизбҳои сиёсӣ бояд, дар ин раванд бо назардошти воқеияти Тоҷикистон, шарту шароити зиндагии мардум ва имконоти худ маводҳои таблиғу ташвиқотии худро то ҳаде матраҳ ва нашр намоянд, ки дарстраси интихобкунандагон бошад ва ба манфиати интихобкунандагон равона карда шавад;

Фазои иттилоотии мусоид имконият медиҳад, ки ҳизбҳои сиёсӣ, дар раванди маъракаҳои интихоботи кӯшиши бештаре ба харҷ диҳанд ва дар муаррифии созандаи худ миёни чомеа кӯшиш намоянд. Ҳизбҳои сиёсӣ ба он хотир таъсис дода мешаванд, ки тавассути барномаи омода намудаи худ, дар раванди интихобот дар сатҳи демократӣ фаъолияти худро дар раванди сиёсии ҷомеа дуруст роҳандозӣ намоянд.

Яке аз масъалаҳои хеле муҳим дар раванди сиёсии ҷомеа, ин пеш аз ҳама сатҳи фарҳанги сиёсӣ ва ҳуқуқӣ интихобкунандагон ба ҳисоб рафта, ин омил имконият медиҳад, ки шаҳрвандон дар интихоби номзади худ бетараф набошанд, ва иштироки фаъоли онҳо дар ин гуна маъракаҳои муҳими сиёсӣ аз омилҳои муҳими таҳкими ҷомеаи демократӣ ба ҳисоб меравад.

Барномаҳои пешазинтихоботии ҳизбҳои сиёсӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа дар заминаи арзишҳои миллӣ ҷанбаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, тандурустӣ, фарҳангӣ, маориф, илм, мубориза бар зидди падидаҳои номатлуби фасод фаро гирифта, дар устувор намудани мавқеъ ва нуфузи худ миёни интихобкунандагон аз вазифаҳои муҳимашон ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд намуд, ки яке аз хусусиятҳои муҳими раванди интихобот, дар шароити имрӯзаи давлатдории муосири Тоҷикистон аз иштироки фаъоли ҳизбҳои сиёсӣ вобастагӣ дошта, дар натиҷа ҳар ҳизби сиёсӣ имконият дорад, ки аз мавқеъ ва нуфӯзи кадрии худ, ба ин маъракаи муҳими сиёсӣ омодагӣ гирифта, номзадҳои арзандаи худро пешбарӣ намоянд. Интихобот дар шароити имрӯзаи раванди давлатдории муосири Тоҷикистон омили муҳим иштироки субъектҳои интихобот ба ҳисоб рафта, воситаи муҳими муаррифии сатҳ ва имконияташон маҳсуб ёфта, дар мустаҳкам намудани низоми сиёсии ҷомеа нақши муҳим доранд.

Дар шароити имрӯзаи кишвар яке аз масъалаҳои муҳими таҳкимдиҳандаи раванди давлатдории муосири Тоҷикистон ин пеш аз ҳама иштироки фаъоли ҳизбҳои сиёсӣ дар маъракахои муҳими сиёсӣ ба ҳисоб рафта, доир гаштани ин маъракаи муҳими сиёсӣ аз онҳо вобастагии ҷиддӣ дорад. Дар раванди интихобот ҳангоми пешбари намудани номзадҳо бояд шахсоне бошанд, ки хеле фаъоланду масъалагузор ва тадбирҳои муҳими худро дар раванди ҷомеа роҳандозӣ карда тавонанд. Электорат низ дар раванди маъракаҳои сиёсӣ фаъол бошад ва дар ин раванд намояндагони худро дуруст одилона интихоб намуда, дар ташаккули ҷомеаи демократӣ нақши муҳим гузоранд.

Маврид ба зикр аст, ки дар ин раванд, ҳизбҳои сиёси намояндагони арзандаашонро вориди интихобот намоянд, масъулиятшинос бошанд, дар роҳандозӣ карданӣ барномаҳои худ талош варзанд. Дар ин раванд ҳамаи ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон фаъолтар бошанд, дар амали кардани нуктаҳои муҳими барномаҳои худ чораҳои мушаххасро роҳандозӣ намоянд. Фаъолияти онҳо на танҳо дар шаҳри Душанбе, балки дар тамоми минтақаҳо беҳтар гардад, ба манфиати ҷомеа буда, дар натиҷа як рақобати солим ба вуҷуд меояд. Ин ҳизбҳои сиёсиро водор мекунад, ки боз ҳам беҳтар фаъолияти худро миёни ҷомеа рҳандозӣ карда, аз роҳу усулҳои наву замонавӣ истифода намуда, мавқеъ ва нуфӯзи худро боз ҳам дар раванди ҷомеа мустаҳкам намоянд.

Бояд зикр намуд, ки яке аз хусусиятҳои муҳими дигари раванди интихобот дар шароити имрӯзаи давлату давлатдории Тоҷикистон ин пеш аз ҳама аз фаъолияти субъектҳои раванди сиёсӣ вобатагӣ дорад. Дар ин раванд яке аз субъектҳои муҳим ҳизбҳои сиёсӣ ба ҳисоб рафта, бо нерӯъ ва иқтидори тавонои худ метавонанд, иштироки фаъоли худро таъмин намуда дар рушди низоми сиёсии ҷомеа нақши муҳим гузоранд. Бо маърифати баланди сиёсии худ тавонанд дар маъракаҳои интихоботи иштирок карда, дар амали кардани барномаҳояшон дар раванди ҷомеа тадбирҳои судмандро роҳандозӣ намоянд.

Ҳизбҳо дар шароити имрӯзаи кишвар фаъолияти назарас дошта бошанд, дар ташаккули фарҳангӣ, демократии интихобкунандагон тадбирҳои судмандро роҳандозӣ намуда, дар баланд бардоштани мавқеъ худ кӯшиш намоянд. Дар ин раванд интихобкунандагон дар маъракаҳои интихоботӣ фаъол бошанд. Фаъол будани онҳо ба нафъи ҷомеа буда, дар рушди фарҳангӣ демократии интихобкунандагон мусоидат менамояд.

Дар ин раванд бояд қайд намуд, ки яке аз хусусиятҳои муҳими иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихобот, ин пеш аз ҳама аз сатҳи омодагиҳо ва таҷрибаашон вобастагӣ дошта, кӯшиш намоянд, ки дар устуворсозии мавқеъи худ миёни электорат робитаи худро устувор

намоянд. Вобаста ба ин масъалаи мухими барраси гардида бояд ҳар як ҳизби сиёсӣ дар хусуси омодагӣ ба интихобот пеш аз ҳама бояд дар доираи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар борai интихоботи президент» ва дигар санадҳои меъёри ҳуқуқӣ фаъолияти худро дуруст  дар раванди ҷомеа ба роҳ монанд.

Дастоварди сиёсии мо, дар гузаронидани интихоботи озод, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, бисёрҳизбӣ, гуногунандешии сиёсӣ аз ҷумлаи арзишҳое мебошанд, ки мӯҳлати начандон тӯлонӣ, ба онҳо ноил гаштаем, ки ин пеш аз ҳама, аз хирадмандии мардуми Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳад. Рушди минбаъдаи институтҳои демократӣ, аз ҷумла гуногунандешии сиёсиву озодии эътиқод ва изҳори ақида, сухан матбуот ва такмили дигар унсурҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз вазифаҳои муҳиму доимии ҳизбҳои сиёсӣ мебошанд.

Албатта ҳамаи ҳизбҳо имрӯз кӯшиш менамоянд, ки дар интихобот иштироки фаъол дошта бошанд ва ҳар интихобот барои ҳизбҳо як навъ имтиҳон аст. Дар ин раванд баҳоро ба ҳар як ҳизби сиёсӣ мардум медиҳад, ки чи гуна барнома таҳия кардаанд, то имрӯз чӣ корҳоеро ба нафъи интихобкунандагони худ ба анҷом расонидааст, ва то чӣ андоза ғояҳои ҳизбашро дар амал татбиқ намудааст, имтиҳонест, ки ҳар як ҳизб ба он рӯ ба рӯ мешавад. Ва ҳар як ҳизб кӯшиш менамояд, дар раванди интихобот баҳои сазоворро соҳиб гардад.

Дар ин раванд ҳизбҳои сиёсӣ кӯшиш намоянд, ки мавқеъ ва нуфӯзи худро миёни ҷомеа васеъ ба роҳ монда, фаъолияти пурсаммари худро густариш дода, дар татбиқи нуқтаҳои муҳими барномаҳои худ кӯшиш намоянд.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳафт ҳизби сиёсӣ расман фаъолият доранд, аз ҷумла: Ҳизби халқи-демократии Тоҷикистон, Ҳизби коммунистии Тоҷикистон, Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон, Ҳизби сотсиал – демократии Тоҷикистон, Ҳизби демократии Тоҷикистон, Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон, Ҳизби аграрии Тоҷикистон.

Ин ҳизбҳо ҳам дар интихоботи президентӣ Тоҷикистон, интихоботи парлумонӣ ва маҷлисҳои маҳалии вакилони халқ иштироки фаъол дошта бошанд. Бисёрҳизбӣ имрӯз воқеияти Тоҷикистон аст ва ин плюрализми сиёсие, ки имрӯз вуҷуд дорад, Конститутсияи Тоҷикистон имконият фароҳам сохта буд ва имрӯз бо ҳамин роҳ рафта истодаем. Дар ин раванд ҳамаи ҳизбҳои сиёсии кишвар фаъолтар бошанд, фаъолияти онҳо на танҳо дар шаҳри Душанбе, балки дар тамоми минтақаҳо беҳтар гардад, барои пешравии ҷомеа аҳамият дорад, зеро дар натиҷа як рақобати солим ба вуҷуд ояд. Ин масъулият ҳизбҳои сиёсиро водор месозад, ки боз ҳам беҳтар амал кунанд, аз роҳу усулҳои наву замонавӣ истифода намоянд, дар сатҳи давлатҳои пешрафта қарор гирем.

Мо мехоҳем, ки ҳамаи шаҳрвандони Тоҷикистон ва ташкилотҳои ҷаъмиятӣ дар интихобот бо тарзи фаъол ширкат кунанд. Худи ҳизбҳои сиёсӣ низ дар Тоҷикистон бояд фаъол бошанд. Ҳамчунин аҳзоби сиёсӣ дар омӯзондани шаҳрвандон ба қоидаҳои итихоботӣ бояд фаъолтар бошанд. Ин вазифаи ҳар як ҳизби сиёсӣ аст, ки ба ҳама таҳаввулот дар ҷомеа фикри худро изҳор карда, барои пайдо кардани ҷойгоҳи муносиб дар ҷомеа саҳми муносиб гузоранд.

Тадқиқотҳо ва таҷрибаҳо нишон доданд, ки ҳар як ҳизби сиёсӣ бо дидгоҳ ва барномаҳои вижаи худ вориди интихобот мешаванд. Дар маъракаи интихоботи ҳизбҳо бо нерӯ ва идеяҳои тоза ба маъракаи сиёсӣ ворид шаванд, зимни баромадҳояшон ба беҳтар намудани вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, ва иҷтимоии кишварро яке аз ҷузъиёти муҳими барномаҳои худ муаррифӣ карда, паёми асосии худро ба интихобкунандагон дар сатҳи зарурӣ расонанд.

Интихобот аз рӯи меъёрҳои байналмилалӣ, бо талаботи қонунҳои амалкунанда гузаронида шуда, мардум аз ҳуқуқҳои конститутсионии худ истифода бурда, фаъолона иштирок намоянд. Ба ҷонибдории кадом ҳизбе, ки райъ медиҳанд, озодона овоз диҳанд ва дар вақти интихобот ғолибияти комилро ба даст оварда, манфиати онҳоро дар раванди ҷомеа аз лиҳози қонунӣ ҳимоя намоянд.